**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**

Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми филология, узви вобастаи АИ ҶТ

**Рахматуллозода Сахидод**

---------------------------------------------

“ 15 “ августи с. 2018

**Тақризи муассисаи пешбар**

ба рисолаи илмии Суфиёи Ҷаннатмир дар мавзӯи “Таҳқиқи ҷанбаи иҷтимоии ашъори Халилуллоҳи Халилӣ” аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, ки ба Шӯрои диссертатсионии 6Д. КОА – 028 оид ба ҳимояи рисолаҳои илмии доктори фалсафа (доктор PhD)-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология пешниҳод шудааст.

Рисолаи тадқиқотии Суфиёи Ҷаннатмир аз ҷиҳати мавзӯъ тоза, диққатҷалбкунанда ва дар айни замон зарурӣ мебошад. То алҳол дар бораи ҷанбаҳои иҷтимоии ашъори яке аз шоирони забардасти муосири Афғонистон устод Халилуллоҳ Халилӣ таҳқиқоти алоҳидае ба анҷом нарасида буд, ҳарчанд оид ба ҷиҳатҳои дигари осори ин устоди сухан пажӯҳишҳои ҷудогонае сурат гирифтаанд. Аммо бояд қайд кард, ки дар вазъияти кунунии Афғонистон, ки дар ҳолати ноороми ва ҷангҳои пайдарҳами дохилӣ қарор дорад, дар ашъори шоире ҳамчун устод Халилуллоҳи Халилӣ, баррасии мавзӯи ҷанбаҳои иҷтимоии шеър аҳамияти хоса пайдо мекунад, зеро бад-ин васила мавқеи адиб дар ҷомеа ва муносибати ӯ ба ҳодисаҳои иҷтимоиву ҷамъиятӣ мушаххас гашта, то

андозае роҳи ҳалли онҳо низ равшан мешавад. Ин барои ҷомеаи ҷангзадаи Афғонистон аҳамияти бузурге дорад. Дар навбати худ чунин таҳқиқот аз моҳияти илмӣ ҳам бархурдор мебошад, зеро тарзу тариқи тозаи муҷассам намудани мавзӯъҳои иҷтимоиро дар шеър таҳқиқ мекунад, ки ҳамчун намуна ва замина барои рушду такомул ва густариши баррасии ин мавзӯъ хидмат хоҳад кард.

Рисолаи илмии Суфиёи Ҷаннатмир ба таҳқиқи ҳамин масъалаи муҳим бахшида шуда, ҷиҳатҳои гуногуни инъикоси мавзӯи иҷтимоиро дар ашъори Халилуллоҳи Халилӣ дар бар мегирад.

Мавзӯи рисолаи илмӣ ҳаматарафа таҳқиқ гашта, ба мундариҷаи рисола комилан мувофиқат дорад.

Автореферати диссертатсия таҳқиқи мавзӯъ ва хулосаҳои илмии онро ба дараҷаи зарурӣ инъикос намудааст. Хулоса ва ҷамъбастҳои тадқиқотии рисола дар мақолаҳои бачопрасонида ва фишурдаи суханрониҳое, ки муаллиф аз рӯи мавзӯи диссертатсия дар конфронсҳои илмӣ кардааст, ҷой дода шудааст.

Таркиби рисола барои ҳадафи таҳқиқотии муаллиф созгор буда, дар он муаллиф мавзӯъро мантиқан паи ҳам ба баррасӣ мегирад.

Хулосаҳо ба дараҷаи зарурӣ илмӣ мебошанд, ки дар асоси таҳлили дақиқи мавзӯъ бароварда шудаанд.

Аҳамияти мавзӯи таҳқиқот дар он аст, ки ашъори Халилуллоҳ Халилӣ дар назми имрӯзи Афғонистон бо вусъати андеша, фаро гирифтани мавзӯъҳои муҳимтарини рӯз, аз ҷумла ватандӯстӣ, хидмат барои пешрафти ҷомеа, оромиву осудагии кишвар ва монанди ин масъалаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиву ахлоқӣ мавқеъи воло ва бузургеро соҳиб мебошад. Ин ашъор аз назари бадеият ва сабку сухан ҳам дорои вежагиҳои махсус ва маҳорату устодӣ буда, сазовори пажӯҳиши ҷудогонаи илмист.

Оид ба дараҷаи омӯхта шудани ин мавзӯъ бояд қайд кард, ки ҳарчанд дар бораи паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти Халилуллоҳ Халилӣ

тадқиқоти бисёр анҷом дода шудааст, аммо маҳз оид ба инъикоси мавзӯъҳои иҷтимоӣ дар ашъори ӯ рисолаи илмии махсус навишта нашудааст. Аз ин ҷиҳат рисолаи мазкур, ки ба таҳқиқи ҷанбаҳои иҷтимоии ашъори шоири мазкур бахшида шудааст, тадқиқоти тозаи илмӣ ба ҳисоб рафта, иқдоми наве дар ин соҳа мебошад.

Ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқ дар ин рисола иборат аз он аст, ки шинохти дақиқу ҷомеъ ва шахсияти адабии устод Халилуллоҳи Халилиро ироа дошта, дар ин замина мақоми мавзӯъҳои иҷтимоӣ дар эҷодиёти ӯ муайян карда шавад.

Объекти тадқиқи рисола муҳити адабиву фарҳангии Афғонистони муосир мебошад, ки аз фаъолиятҳои устод Халилуллоҳи Халилӣ ва ҳамнаслони ӯ фароҳам омада, ҷузъи муҳими зиндагии иҷтимоии ин кишварро ташкил медиҳад.

Предмети таҳқиқотро асарҳои Халилуллоҳи Халилӣ, ки дар нашриёҳои гуногуни ватаниву хориҷӣ ба табъ расидаанд, фароҳам овардаанд.

Навовариҳои рисола дар таҳқиқи ин масъала дар он зоҳир мешавад, ки аввалин бор дар адабиётшиносии муосири Афғонистон муҳтавои иҷтимоии ашъори Халилуллоҳи Халилӣ ба тадқиқ гирифта шуда, дар ин замина оғозгари шеъри тоза дар ин кишвар будани ӯ ба исбот расонида шудааст.

Аҳамияти назарии рисола дар он аст, ки дар он ба воситаи таҳлили мавзӯи мушаххас қонунмандиҳои инкишофи адабиёт дар марҳалаи муайяни таърихӣ, ки барои адабиёту миллат сарнавиштсоз мебошад, муайян карда мешавад.

Рисола аҳамияти амалӣ низ дорад, зеро натиҷа ва хулосаҳои онро дар навиштани китобҳои таърихи адабиёти форсӣ-дарӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, хондани лексияҳо барои донишҷӯён, курсҳои махсус ва семинарҳо аз шеъри муосири форсиву дарӣ ва ҳамчунин ҳангоми

таҳқиқи робитаҳои адабии Афғонистон бо кишварҳои дигари ҳамзабон истифода кард.

Рисола асоси методологии мустаҳкам дошта, бар назарияи донишмандони ватаниву хориҷӣ қарор гирифтааст.

Масъалаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, дар диссертатсия, ки аз муқаддима, ду боб, хулоса ва китобнома фароҳам омадааст, баррасии худро ёфтаанд.

Дар **муқаддима** аҳамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқ, усули тадқиқ, навгониҳо ва моҳияти назариву амалии рисола баён карда шудаанд.

**Боби якуми** рисола **"Мухтасари шарҳи ҳол ва осори Халилуллоҳи Халилӣ"** аз 6 фасли кӯтоҳ-кӯтоҳ ба ҳам омадааст, ки чунин унвонҳо дорад: 1.1. Мухтасари шарҳи ҳоли Халилуллоҳи Халилӣ; 1.2. Осори Халилуллоҳи Халилӣ; 1.3. Вежагиҳои муҳтавои осори Халилӣ; 1.4. Қолабҳои шеърӣ; 1.5. Сабк ва баён; 1.6. Халилӣ оғозгари шеъри Нимоӣ. Аз ҳамин номгӯ ҳам маълум аст, ки ин фаслҳо ниҳоят мухтасар буда, дар асоси таълифоти то он дам анҷомдодашуда, навишта шудаанд, ки маълумоти тоза ҳам доранд. Аз ҷумла, фасли "Вежагиҳои муҳтавои осори Халилӣ" чунин фикреро ба исбот мерасонад, ки Халилӣ сароишгари андӯҳу озодии мардуми Афғонистон буда, ҳамеша барои аз занҷирҳои асорат ва бардагӣ раҳо кардани он кӯшидааст, ки дар саросари осораш ҳувайдо мебошад. Бинобар ин нолаи ӯро танҳо нолаи ошиқ аз ҷабри маъшуқ набояд шинохт, ки зери ин нола ғами бузурги ӯ аз тақдири халқаш танинандоз аст. Ҳамин тариқ, дар фаслҳои дигар низ фикру ақидаҳои тоза оид ба моҳияти ашъори шоир гуфта шудаанд, ки қобили қайд ҳастанд. Масалан, дар қолабҳои суннатии рубоиву дубайтиву ғазал тавонманд будани Халилӣ, ки мавзӯъҳои замонии иҷтимоиро дар онҳо устодона корбаст кардааст, эҷодкорона аз мактаби ҳунарии Бедил истифода карданаш, дар шеъри Афғонистон аввалин

шеъри нимоӣ гуфтанаш, аз ҷумлаи он нуктаҳои муҳиме мебошанд, ки муаллифи рисола аз онҳо сухан мегӯяд.

Боби дуюми рисола **“Ҷанбаи иҷтимоии ашъори Халилӣ”** аз 11 фасл ба ҳам омадааст, ки аз инҳо иборатанд: 2.1. Мавзӯи ватан ва диёр; 2.2. Мақоми зан ва модар дар ашъори Халилӣ; 2.3. Мавзӯи маориф ва таълиму тарбия; 2.4. Даъват ба иттиҳод ва мубориза бо тафриқа; 2.5. Интиқод аз сиёсат; 2.6. Ситоиши муҷоҳидин ва размандагон; 2.7. Баёни масоиб ва душвориҳои ҷанг; 2.8. Интиқоди ихтилофоти қавмӣ ва мазҳабӣ; 2.9. Интиқод аз беадолатии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ; 2.10. Ҷанбаи муқовимат дар осори Халилӣ; 2.11. Шарҳи ранҷи ғурбат ва баёни мушкилот муҳоҷират.

Ҳамчунонки аз унвони фаслҳо ҳам ба назар мерасад, ҳар яки онҳо ба ин ё он ҷиҳати мавзӯи иҷтимоӣ дар шеър тааллуқ дошта, дар якҷоягӣ манзараи умумии инъикоси онро дар ашъори Халилӣ намоён месозанд. Ҳангоми баррасии мавзӯъ муаллиф ба ашъори бисёри шоир рӯй меоварад ва онҳоро аз назари чигунагии коркарди бадеӣ бо таҳлил мегирад. Албатта, маълум аст, ки баъзе аз ин мавзӯъҳо дар шеъри пешин ва ҳамнаслони Халилӣ ҳам собиқа доранд, масалан, мавзӯи ватан, маориф ва таълиму тарбия, зан ва модар, аммо масъала ин ҷост, ки онҳо бо диди хосаи Халилӣ ба қалам омадаанд, ки муаллифи рисола барои нишон додани он мекӯшад ва муваффақ ҳам мешавад. Аз ҷумла дар фасли чорум таъкид мешавад, ки тафриқа ва набудани иттиҳод дар ҷомеаи имрӯзи Афғонистон асосан аз ду ҷиҳат сурат мегирад, ки бар ихтилофоти мазҳабӣ ва қавмӣ оид мешавад ва Халилӣ ҷомеаро дар ашъори худ аз ин хатари муҳлик сахт ҳушдор медиҳад. Ин мавзӯъ дар фасли ҳаштум низ мавриди назар қарор гирифта, густардатар таҳлил мешавад. Фаслҳои даҳум ва ёздаҳуми боби дуюм, ки ба масъалаҳои ҷанбаи муқовимат ва ранҷи ғурбат дар ашъори Халилӣ бахшида шудааст, аз назари тозагии мавзӯъ ва тадқиқи он хеле ҷолиб ба шумор меояд. Дар онҳо шеърҳои “Наврӯзи оворагон”, “Бо худ ва бо

ҳамватанони овораи Амрико" ва ғазалу қасидаҳои дигари Халилӣ, ки ин мавзӯъро ба тамоми дарду ранҷи ҷонгазояш ба тасвир мегирад, мавриди таҳлили хуби илмӣ қарор гирифтаанд.

**Хулосаи** тадқиқот дар 10 банд ҷамъбаст гардидааст, ки далели муваффақона ҳал шудани мавзӯи рисола мебошад.

Бо вуҷуди он ки рисола дар дараҷаи зарурии илмӣ навишта шудааст, аммо эродҳоеро низ арза бояд дошт, ки барои беҳбуди он хидмат хоҳанд кард:

1. Фаслҳои хурд-хурди ҳар ду боб, агар зери унвонҳои фарогиртаре ба ҳам оварда мешуданд, барои мунсаҷимтар шудани мавзӯи таҳқиқ бештар мадад мекард. Масалан, фаслҳои "Қолабҳои шеърӣ", "Сабк ва баён" аз боби 1 ва фаслҳои 2.4; 2.7; 2.8 аз боби 2 ва монанди онҳо, ки аз ду-се сафҳа иборат мебошанд, ба ҳамин гуна ба ҳам овардан ниёз доранд.
2. Дар баъзе фаслҳо тавсиф бар таҳлили илмӣ афзалият дорад, масалан, дар фаслҳои якуму дуюми боби 2 ва баъзе фаслҳои дигар, ки бояд таҳлил бештар бошад, то тавсиф.
3. Дар фаслҳои гуногуни бобҳои 1 ва махсусан боби 2 пораҳои шеърӣ барои мисол паиҳам оварда мешаванд, вале таҳлилу тадқиқи адабиву бадеии онҳо аз назар дур мемонад.
4. Баъзе фикрҳо ва пораҳои шеърӣ дар чанд ҷои рисола такрор ба такрор оварда мешаванд, масалан дар с. 53 ва 58, 65 ва 76, 130 ва 133.
5. Дар рисола ва ҳамчунин автореферат хатоҳо роҳ ёфтаанд, масалан, дар с. 7 дар автореферат ду дафъа "Аҳамияти назарии рисола" чоп шудааст, ҳол он ки яке аз онҳо бояд аҳамияти амалӣ бошад.
6. Дар рисола ва автореферат дар намунаҳои шеърӣ, ки мисол оварда мешаванд, хатоҳо ҷой доранд, ки баъзан мазмун ва вазни шеърро вайрон мекунанд. Масалан, дар с. 14 автореферат дар мисраи "Нола ба дил шуда гиреҳ, роҳи найистон куҷост" дар

калимаи **шуда** ҳарфи **а** зиёд омада, вазни шеърро вайрон кардааст. Ё дар с. 20 дар байти "Роҳ  дур аст, пеш боядат рафт, // Лек бо пои хеш боядат рафт" дар ҳар ду ҳолат дар калимаи **боядат** пасванди **ат** зиёдатист, ки бешубҳа, хатои муаллифи рисола аст, на устод Халилӣ. Ё дар с. 81 дар мисраи "Бозичаи рангҳои авом" аз рӯи талаби вазн ва мантиқи сухан бояд калимаи **"ақвом"** бошад, дар с. 111 дар мисраи "Эй сода марде, ки таваққуъ намудаанд" вазн ва мантиқи сухан ба ҷои "марде" **мардуме** – ро талаб дорад ва ғайра.

Эродҳое, ки гирифта шуданд, аксаран ҷузъӣ буда, аҳамияти илмии рисолаи мазкурро аз байн намебаранд ва бештар моҳияти маслиҳатӣ доранд, ки ислоҳи онҳо арзиши тадқиқотии ин кори илмиро боло хоҳанд бурд.

Хулосаҳои диссертатсия дар се мақола фароҳам омадаанд, ки дар маҷаллаҳои илмии дар феҳрасти КОА Федеретсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда ба чоп расидаанд.

Автореферат ва мақолаҳои илмии бачопрасида мундариҷаи диссертатсиятро комилан инъикос менамоянд.

Дараҷаи тайёрии назарӣ ва илмие, ки диссертатсияи пешниҳодшуда дорад, имкон медиҳад, ба қароре омад, ки Суфиёи Ҷаннатмир сазовори ба ӯ додани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи васеи шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ  № 7 аз 15 августи с. 2018 баррасӣ ва бо як овоз тасдиқ гардид.

**Мудири шуъбаи адабиёти муосир**
**доктори илми филология, профессор** **Раҳмонов Ш.А.**

Имзои Раҳмонов Ш. ро тасдиқ мекунам

МУҲРИ КАДР